# 106587 - Маънои «Ҳаҷ Арафа аст».

## савол

Сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод): **«Ҳаҷ Арафа аст»** чӣ маъно дорад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Маънои сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод): **«Ҳаҷ Арафа аст»** чунин мебошад: Дар ҳаҷ бояд дар Арафа вуқуф карда шавад. Касе ки дар Арафа вуқуф накунад, пас ба таҳқиқ ҳаҷро аз даст додааст. Ин маънои онро надорад, ки касе дар Арафа вуқуф кунад, дигар ҳеҷ амале аз амалҳои ҳаҷ бар зиммаи ӯ боқӣ нахоҳад монд, бо иҷмои донишмандон, зеро инсон ҳар гоҳ дар Арафа вуқуф кунад, баъзе аз амалҳои ҳаҷ, ба монанди шабгузаронӣ дар Муздалифа, тавофи ифоза, саъй кардан байни кӯҳи Сафо ва Марва, санг партофтан ба Ҷамарот ва шабгузаронӣ дар Мино бар зиммаи ӯ боқӣ хоҳад монд. Вале маънои он ин аст, ки вуқуф (истодан) дар Арафа бояд дар ҳаҷ анҷом дода шавад ва агар дар Арафа вуқуф накунад, пас ҳаҷҷи ӯ қабул нест. Аз ин рӯ, донишмандон гуфтаанд: Касе вуқуф (дар Арафа)-ро аз даст бидиҳад, ҳаҷро аз даст додааст". Поёни сухан.

"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (24/23).